# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи унвонҷӯ Набиева Меҳрангез Назаровна «Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой - муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик. Душанбе. 2021. – 52 саҳ.**

Асарҳои академик Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой дар ҳаллу фасли бисёр масъалаҳои мубрами адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ хизмат намуда, бо равишҳои тозаи таҳқиқ ва асосҳои қавии худ таҳаввулоти сифатӣ ва дигаргуниҳои куллиеро дар ин соҳа ба миён овард. Хидматҳои ӯ дар роҳи таҳқиқи масъалаҳои назарӣ ва амалии адабиёти гузаштаи форсу тоҷик ва мушкилоти адабиёти муосири тоҷик беназир аст.

Омӯзиши аҳвол ва осори илмии адабиётшиноси маъруф, назарияҳои илмиву адабӣ, моҳият, усул, сабки таҳқиқ ва саҳми ӯ дар омӯзиши масоили таърихи адабиёт хеле муҳим буда, барои инкишофи илми адабиётшиносии муосир судманд мебошанд. Ин донишманд тавонист дар тӯли фаъолияти илмии хеш як мактаби бузурги адабиётшиносиро бо равиши хосса таъсис бидиҳад. Таҳлилҳои объективона ва воқеъбинона, нуқтаи назар ва равиши таҳқиқи академик Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой аз дигар адабиётшиносон фарқ мекунад.

Дар муқаддимаи рисола, ки дар фишурдаи рисола корбаст гардидааст, аҳаммияти мавзӯи мавриди таҳқиқ, дараҷаи омӯзиш, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, объекти таҳқиқ, предмети таҳқиқ, навгонӣ, арзиши назарӣ ва амалӣ, асосҳои назарӣ ва методологияи таҳқиқ, нуктаҳои меҳварие, ки ба дифоъ пешниҳод шудаанд, саҳми муаллиф, коркард ва татбиқи натиҷаҳои тадқиқот бо таври мукаммал ва саҳеҳ баён карда шудааст (саҳ.3-7).

Боби якуми диссертатсия «Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой – парвардаи адабиёту фарҳанги тоҷик» унвон дошта, аз ду фасл иборат аст. Фасли аввал “Зиндагиномаи М.Ш. Бухорой” ва фасли дуюм “Нигоҳе ба фаъолияти илмии М.Ш. Бухорой” унвон дошта, доир ба замони зиндагии М.Ш. Бухорой, муҳити фарҳангии хонаводагӣ ва таъсири он ба шахсияти ояндаи адабиётшинос ва фаъолияти солҳои аввали мавсуф ба силки тадқиқ кашида шудааст (саҳ.7-10).

Боби дуюми рисола “Андешаҳои Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой доир ба таърихи адабиёти тоҷик” ном дошта, он аз чаҳор фасл таркиб ёфтааст. Аввалан андешаҳои Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой

оид ба таърихи адабиёти тоҷик, ба вижа таҳлилу баррасии адабиёти классикии тоҷику форс, сонияи таъсири анъана ва суннатҳои адабӣ дар адабиёти муосири тоҷик, сеюмин доир ба насри адабиёти навин ва чаҳорумин ба таҳқиқу баррасии назми муосири тоҷик равона гардидааст, ки ҳар як фасл вобаста ба масоили фавқуззикр бо мисолҳои мушаххас ҷамъбаст гардидаанд. Умуман, андешаҳои олими шинохта оид ба назму насри адабиёти тоҷик ва сабки нигориши шоирону нависандагони давраи нав ҷолиб ва омӯзанда мебошад. Таҳқиқоти муҳаққиқ дар ин ҷабҳа холисона ва дилсӯзона буда, бо ҷанбаи пурқуввати илмӣ ва усулуби ба худ хос дар таърихи адабиёти тоҷик мавқеи арзанда пайдо кардааст (саҳ.10-19).

Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой ба муҳимтарин паҳлуҳои эҷодиёти устод С.Айнӣ бо диди нав дар замони истиқлолият дар китобҳои “Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист” (2006), “Садриддин Айнӣ – равшангари бузург” (2008) чашмандози илмӣ намудааст, ки доир ба ин масъала дар боби сеюм ва ду фасли кори илмӣ оварда шудааст. Ҷабҳаҳои гуногуни ҳаёту фаъолияти нависанда, шахсият ва мақоми устод С.Айнӣ дар таъриху тамаддуни мардуми тоҷик, ҳимоя, шинохт ва исботи таърихи бою ғанӣ доштани халқи тоҷик, хизматҳои арзандаи ӯ баҳри пойдории забону маънавиёт ва бузургдошти арзишҳои миллии тоҷикон, аз ҷумла ҷанбаи инсонӣ, байналмилалӣ ва миллии насри вай, моҳияти қаробати шарқиву ғарбӣ дар осори ӯ муҳтавои асосии шинохти нависанда дар осори муҳаққиқ, ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд (саҳ.19-22).

Дар қисмати хулосаи фишурдаи илмӣ аз ҳар бобу зербобҳо дар ҳашт банд ҷамъбастҳои илмӣ пешниҳод шудааст, ки аз вусъати мутолиа ва дақиқии баррасиҳои муаллиф гувоҳӣ медиҳанд (саҳ.22-23).

Дар баробари дастовардҳо дар автореферат чанд норасоиҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо арзиши корро афзуда, сатҳи илмии фишурдаи рисоларо боло хоҳанд бурд:

1. Дар саҳифаи 22 –и фишурдаи рисола, дар бахши таҳлилу баррасии насри С.Айнӣ иқтибосҳои зиёде истифода шудааст, ки эҳтиёҷ ба бознигарӣ дорад.
2. Дар саҳифаҳои 9, 13 такрори фикр; услуби ҷумла дар саҳафоти 5, 8, 10, 19, 20 ва ғайраҳо вайрон буда, хатоҳои имлоӣ ва китобатӣ дар саҳифаҳои 5, 6, 20, 22 ... ба назар мерасанд.

Камбудиҳои фавқуззикр ҳусни фишурдаи рисоларо коҳиш намедиҳанд ва ислоҳшаванда ҳастанд.

Автореферат бо услуби илмӣ таълиф ёфта, ҷамъбасту хулосаҳои мудаллал ва эътимодбахш дорад.

Фишурдаи рисола, мақолаҳои ба чоп расонидаи Набиева Меҳрангез Назаровна ва гузоришҳои илмии ӯ муҳтавои рисоларо ифода намуда, аз лаёқати баланди илмии муаллифи он гувоҳӣ медиҳанд.

Автореферати Набиева Меҳрангез Назаровна «Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ - муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик» ба талаботи КОА назди Президенти ҶТ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик мебошад.

Мудири кафедраи адабиёти муосири
тоҷики Муассисаи давлатии таълимии
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Ӯлмасова З.Ҳ.

Суроға:735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд,
Тел: +(992) 92 7714470
E-mail: zamira_ulmasova@mail.ru

Имзои Ӯлмасова З.Ҳ. –ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳои МДТ “Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” Ашрапова З.Н.

Суроға:735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.
тел:+(992)927388887
E-mail: ddhkadr@mail.ru